**Тақриз**

**ба авторефарати рисолаи Ниёзӣ Ёрмаҳмад Бобо «Таснифоти илм дар фалсафаи машшоиёни Шарқ ва таъсири он ба таснифоти муосири илмҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳоифалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа. Душанбе-2020**

Таърихи фалсафа гурӯҳи масъалаҳоеро дар бар мегирад, ки таҳқиқи онҳо на танҳо барои муайян намудани робитаи илмҳои гузашта, аз ҷумла фалсафа, бо илми муосир, балки барои ташаккули шуури таърихӣ ва баҳои холисона додан ба дастовардҳои донишмандони асримиёнагӣ муҳим мебошад. Дар ин ҷиҳат таснифоти улум, ки масъалаҳои методологии таҳқиқи масоили фалсафиро низ дар бар мегирад, аҳамияти махсуси илмӣ дорад. Баҳсҳое, ки аз даврони Арасту то имрӯз дар бораи таснифи илмҳо идома доранд, аз мубрамияти таҳқиқи илмӣ ва фалсафӣ гувоҳӣ медиҳанд. Бинобар ин диссертатсияи доктории Ниёзӣ Ёрмаҳмад ба ҳалли проблемаи муҳими илми фалсафа бахшида шудааст.

Ба назари мо як ҷиҳати муҳим ва замонавӣ будани таҳқиқоти диссертант дар ин аст, ки ӯ таснифоти илмро дар таълимоти файласуфони мактаби машшоияи шарқӣ, махсусан Форобӣ ва Ибни Сино баррасӣ намуда, таъсири онро ба илм ва фалсафаи муосир муайян кардааст. Ниёзӣ Ё.Б. ба маншаи таълимот, ки ба Арасту мерасад, таваҷҷуҳ карда, робитаи машшоияи шарқиро бо фалсафаи Юнон дар ин масъала равшан тавзеҳ ва дар натиҷаи баррасии ҷиддӣ фарқияти таснифоти илмро дар таълимоти Арасту ва Форобию Ибни Сино ва пайравони онҳо нишон додаст. Ҳамчунин, тавре аз автореферат маълум мешавад, муаллиф дар пажӯҳиши худ ба ташаккули мафҳуму категорияҳо ва таснифоти илмҳо дар фарҳанги бостонии халқи тоҷик аҳамият дода, ба хулосаи дуруст омадааст, ки ин мафҳумҳо ва мақулаҳо «дар заминаи категорияҳои ахлоқӣ ва эҳтиёҷоти амалии инсон ташаккул ёфтаанд. Ин мафҳумҳо ва масъалаҳо бозгӯкунандаи шинохти олам ва камолоти инсониянд, ки минбаъд асоси мавзӯъҳои илмҳои диншиносӣ,

инсоншиносӣ, осори фарҳангии қадимаи тоҷик, ки омехтаи устура ва таърих аст, аввалин бор ташаккули мафҳумҳо ва таснифу табақабандии илмҳо аз нигоҳи илмӣ таҳлилу баррасӣ шудааст, ки ҷомеашиносию равоншиносӣ гаштанд».

Диссертант ба хулосаи дуруст омадааст, ки « бо ворид шудани дини ислом дар фарҳанги тоҷик илмҳо ба ваҷҳи дигар ташаккул ёфтанд: яъне бо таъсири фарҳанги юнонию исломӣ мактаби машшоияи шарқӣ ба вуҷуд омад, ки бештар ба ақл ва усулҳои мантиқ такя мекард. Дар таснифоти илмҳои мактаби машшоиёни шарқӣ бартарияти бештар ба улуми ақлӣ дода мешуд, на ба улуми нақлию каломӣ».

Дар воқеъ ҳам, файласуфони асримиёнагии тоҷики пайрави машшоия ба усулҳои мантиқӣ такя менамуданд ва дар осорашон, махсусан дар китобҳои Форобӣ, Ибни Сино, Насируддини Тӯсӣ, ин шеваи илмӣ пайваста истифода мешуд ва заминаи хулосаҳои илмии пешқадами замон гардида буд, ки баъдан дар фалсафаи Ғарб таъсири муфид расонд.

Ба муҳаққиқон маълум аст, ки Абӯнасри Форобӣ асари ҷолибаш «Иҳсо ал-улум»-ро махсус ба таснифоти илмҳо бахшида аст. Диссертант дуруст таъкид мекунад, ки муаллими сонӣ «аввалин усулу методҳои таснифоти илмро дар асоси пайванди мантиқию мавзӯӣ тақсимбандӣ кардааст. Ин китоб то ба ҳол арзиши худро, чи дар Шарқ ва чи дар Ғарб аз даст надодааст. Китоби мазкур то асри XX дар кишварҳои Шарқи Наздик ва Миёна манбаи асосии таснифи илмҳо буд, ки бештар аз 15 шарҳ ба ӯ навишта шудааст».

Диссертант аҳамияти таҳқиқоти мавзуъро дар 7 модда нишон дода, дар бораи дараҷаи омӯзиши мавзӯъи мазкур ба таври васеъ маълумот додааст, ки аз иттилоъи комили ӯ оид ба проблемаи таҳқиқшаванда шаҳодат медиҳад.

Нуктаҳои асосии барои ҳимоя пешниҳод намудаи муддаии унвони доктори илми фалсафа, ки дар 9 модда баён шудааст, тавре аз автореферат маълум мешавад, пурра ҳалли худро ёфтаанд. Аз ин ҷиҳат рисолаи пешниҳод намудаи Ё. Ниёзӣ кори ба итмом расида мебошад.

Як ҷиҳати хуби таҳқиқоти Ё. Ниёзӣ дар ин аст, ки ӯ бештар усули муқоисавиро истифода намуда, таълимоти Афлотуну Арастуро бо таълимоти Форобӣ ва Ибни Сино муқоиса мекунад ва тафовут ва навоварии машшоиёни Шаркро бо далелҳо собит менамояд, ҳамчунин аз тарафи Насириддини Тӯсӣ, Қутдуддини Шерозӣ ва Ибни Рушд идома ва такмили таълимоти пешгузаштагонро зикр кардааст. Махсусан, аз тарафи муҳаққиқ бо далелҳо нишон додани таъсири таълимоти машшоияи шарқӣ ба таълимоти мутафаккирони ғарбӣ ва таъсири он ба фалсафаи муосир ҷолиби таваҷҷуҳ буда, қимати рисоларо бештар месозад.

Ҳамчунин мавриди зикри махсус аст, ки Ё, Ниёзӣ дар таълифи рисолаи худ аз манбаъҳои аслӣ ва осори таҳқиқотии зиёд истифода намудааст, ки аз вусъати доираи таҳқиқ ва дониши муаллиф шаҳодат медиҳад.

Дар баробари дастовардҳои диссертант, ки зикр намудем, ба баъзе масъалаҳое ишора кардан зарур аст, ки баҳсталабанд ва хуб мешуд мавриди таваҷҷуҳ қарор мегирифтанд. Аз ҷумла, диссертант бар ин ақида аст, ки «Омӯзишу таҳқиқи осори асримиёнагии тоҷик сатҳи баланди абстраксияи афкори фалсафии мо мебошад, ки барои рушди тафаккури тамоми башарият мусоидат мекунад». Ин фикр то андозае андешаи эҳсосотӣ аст, зеро андешаҳои гузаштагони моро бо вуҷуди аҳамияти зиёди

маърифатӣ доштанашон, ба «рушди тафаккури ***тамоми башарият***» мусоидаткунанда гуфтан чандон саҳеҳ намебошад.

Хуб мешуд аз тарафи муаллиф доир ба баҳсҳое, ки дар байни файласуфони эронӣ (масалан, Ғуломҳусайни Динонӣ ва Меҳдӣ Ҳоири Яздӣ, Ҳоири Яздӣ бо Омулӣ) доир ба масъалаҳои фалсафӣ, ки бо мавзуъи таҳқиқ то андозае робита доранд, маълумоте ироа мешуд, чунки барои фаҳмидани муборизаи мактабҳои фалсафӣ дар Эрон дар шароити кунунӣ аҳамияти корро бештар менамуд.

Дар бораи таснифи илм дар тасаввуф дар баъзе китобҳои мусаввиди ин сатрҳо низ фикрҳое баён шудаанд (ниг. «Хорасанский суфизм» Душанбе, 1994), агар онҳо мавриди истифодаи муаллиф қарор мегирифтанд, барои муқоисаи таълимоти машшоияи шарқӣ ва тасаввуфи хуросонию мовароуннаҳрӣ, таҳқиқ ҷомеътар мешуд. Ин нуктаҳо, ки гуфта шуданд, ҳамчун пешниҳод мебошанд ва қимати диссертатсияи Ё.Ниёзиро ба ҳеҷ ваҷҳ паст намекунанд. Мақолаҳо ва рисолаҳое, ки диссертант таълиф кардааст, мазмуни асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Аз ин ҷиҳат диссертатсияи Ёрмуҳаммад Ниёзӣ таҳқиқоти хуби анҷомёфта доир ба проблемаи муҳими таърихи фалсафа буда, ҷавобгӯи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, бинобар ин мавсуфро сазовори унвони илмии доктори илмҳои фалсафа ҳисоб мекунам.

Академики АМИТ, доктори илмҳои фалсафа,
профессор, Арбоби илм ва техникаи
Ҷумҳурии Тоҷикистон К.Олимов

27. 10.2020